**Тақризи**
**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Исхаков Дилшод Илҳомович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон“ – барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар шароити рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ташкилотҳои қарзӣ нақши асосиро дар пешбурд ва татбиқи сиёсати рақамикунонӣ мебозанд. Ташкилотҳои қарзӣ яке аз аввалинҳо шуда амалиётҳои рақамиро дар низоми бонкӣ ворид намуданд ва сол аз сол номгӯй ва шумораи ин хизматрасониҳо зиёд шуда истодаанд.

Дар айни замон рушди босуръати низоми бонкии ватанӣ ба назар мерасад. Суръати баланди рушди низоми бонкӣ, аз як тараф, натиҷаи рушди умумии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз тарафи дигар, фароҳамшавии имкониятҳои нав аз ҳисоби татбиқи босуръати навовариҳои технологӣ ва рақамикунонии амалиётҳои бонкӣ ба шумор меравад.

Вазъи кунунӣ бо он омил шидатнок мегардад, ки ташкилотҳои қарзӣ доираи фаъолияти худро дар соҳаи амалиётҳои рақамии бонкӣ васеъ карда истодаанд, аммо ташкилотҳои ғайрибонкӣ низ хизматрасониҳоро қисман анҷом дода истодадаанд. Ба таври мисол метавон ширкатҳои мобилиеро қайд намуд, ки имрӯз имконият доранд ба мизоҷони худ баъзе хизматрасониҳоеро, ки ба салоҳияти ташкилотҳои қарзӣ мансубанд, пешкаш намоянд. Дар ин маврид рақобат васеъ гардида, аз ҳудуди рақобати байнибонкӣ баромада, аз иштирокчиёнии бозор (ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои мобилӣ ва дигар миёнаравҳои молиявии ғайрибонкӣ) беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ, болобарии суръат ва шартҳои муфиди пешниҳоди онро талаб менамояд.

Омили мусбии пурзур шудани рақобат ташкилотҳои қарзиро водор намуд, ки муносибати худро ба маҳсулоту хизматрасониҳои анъанавӣ тағйир диҳанд. Онҳо бояд пешкаш ва фурӯши ин махсулотҳоро бо усулҳои нави инноватсионӣ ва бо истифодаи техника ва технологияи нав ба роҳ монанд. Ин раванд на танҳо ба беҳтар

шудани сифати хизматрасонӣ, балки ба ҷалби мизоҷон ва нигоҳ доштани рақобатпазирии ташкилотҳо мусоидат мекунад.

Дар рисолаи мазкур мафҳум, аҳамияти иқтисодии амалиётҳои рақамӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар пешбурд ва танзими ин намуди амалиётҳои бонкӣ омӯхта шуда, таҳлилҳои васеъ ва чуқур гузаронида шуда, дар асоси онҳо роҳҳои мукаммалгардонӣ ва афзалиятҳои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод шудаанд. Мавзӯъ таҳлили вазъи муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷадвалу диаграммаҳо оварда шуда, онҳо аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки мавзӯи мазкур, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз мавзӯҳои камтаҳқиқшуда ба ҳисоб рафта, корҳои илмии алоҳида йа монади диссертатсия ва ё монографияҳо то имрӯз, нашр нашудаанд, ки ин дар навбати худ, кори унвонҷӯйро, аз як тараф хеле душвор намуд, аз тарафи дигар имконият дод, ки фикрҳои худро пурра баён намояд.

Бояд тазаккур дод, ки Исхаков Дилшод Илҳомович таҷрибаи бои корӣ дар соҳаи бонкдорӣ дошта дар ҶСП “Спитамен Бонк“ фаъолият карда истодааст. Дар давоми фаъолияти касбии худ лоиҳаҳои зиёди инноватсионии рақамиро коркард ва иҷро намудааст. Таҷрибаи бисёрсолаи унвонҷӯй, дар бонкҳо, ҳангоми таҳия намудани рисолаи илмӣ истифода шудааст.

Исхаков Дилшод Илҳомович дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ фаъолона иштирок намуда, маводҳои онро дар рисолаи илмии хеш дарҷ намудааст. Ҳамзамон, уновонҷӯй дар маҷаллаҳои илмӣ, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, мақолаҳои илмии худро ба тавсиб расонидааст. Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияти корӣ таҳия шудаанд, аз фаъолияти баланди илмӣ дарак медиҳанд.

Дар давоми фаъолияти илмии худ, Исхаков Дилшод Илҳомович худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол ва дорои малакаи тадқиқотчигии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда, бахри ҳалли онҳо кӯшиш ба харҷ додааст. Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ, Исхаков Дилшод Илҳомович аз

доираи васеи адабиёти ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар асоси омӯзиши онҳо хулосабардории дуруст оид ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳаро пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи ман, Исхаков Дилшод Илҳомович аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятнок ва замонавӣ таҳия кардааст. Бояд тазаккур дод, ки Исхаков Дилшод Илҳомович таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзӯи баррасишаванда фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисола ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро ба ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тавсия додан мумкин аст.

**Роҳбари илмӣ:**
**Профессори кафедраи кори бонкии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ** **Ҳикматов У.С.**

имзои / подпись Ҳикматов У. С.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.
(имзо/подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

11.05.2024